Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-100 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5, бинои таълимии "В")

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирова Гулмо Толибовна ба диссертатсияи Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст

Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.18 – Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит ба банндҳои дахлдор: 1.19; 1.23; 1.24; 1.29 ва 1.32. мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Муҳимияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда мешавад, ки дар шароити кунунӣ дорои аҳамияти хеле муҳим мебошад. Зеро он бевосита ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодии хоҷагиҳо, истифодаи оқилонаи захираҳо ва таъмини шаффофияти молиявӣ таъсир мерасонад. Нахуст, бояд қайд кард, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун бахши муҳими иқтисоди миллӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми бузург доранд. Аммо дар амал аксар вақт сатҳи баҳисобгирии муҳосибӣ дар чунин хоҷагиҳо ба меъёрҳои муосир мувофиқат намекунад. Камбуди малакаи касбӣ, истифодаи усулҳои кӯҳнашуда ва набудани низоми муназзами ҳисоботи молиявӣ боиси коҳиши самаранокии идоракунӣ мегардад.

Дар баробари ин, иқтисоди бозорӣ талаб мекунад, ки ҳар як хоҷагидор дорои маълумоти саҳеҳ ва саривақтии молиявӣ бошад, то қарорҳои дурусти идоракунӣ қабул намояд. Дар ҳолати мавҷуд набудани баҳисобгирии дақиқ, муайян кардани даромад, хароҷот, фоида ва зарар душвор мегардад, ки ин метавонад ба хатогиҳо дар банақшагирӣ ва истифодаи захираҳо оварда расонад. Ҳамчунин, такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ барои ҷалби

сармоя аҳамияти калон дорад. Сармоягузорон ва муассисаҳои қарздиҳанда танҳо ба он хоҷагиҳое бовар мекунанд, ки ҳисоботи молиявии онҳо равшан, боэътимод ва мутобиқ ба стандартҳои амалкунанда бошад. Дар акси ҳол, имкониятҳои рушди минбаъда маҳдуд мешаванд. Ғайр аз ин, татбиқи технологияҳои муосир, аз ҷумла барномаҳои компютерии муҳосибӣ, метавонад раванди ҳисобгириро осон ва самаранок гардонад. Бо ин роҳ хатогиҳои инсонӣ кам шуда, маҳсулнокии меҳнат зиёд мегардад. Дар маҷмӯъ, аҳамияти ин мавзӯъ дар он ифода меёбад, ки такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ заминаи муҳими рушди устувори хоҷагиҳои деҳқонӣ, боло бурдани самаранокии иқтисодӣ ва тақвияти рақобатпазирии онҳоро фароҳам месозад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд**

Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур, ки аз коркард ва такмили равишҳои назариявию методӣ, инчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба беҳтарсозии унсурҳои методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) иборат мебошад, дар натиҷаҳои асосии диссертатсия таҷассум ёфта, мазмуну муҳтавои зеринро дар бар мегирад:

– дар ҷараёни таҳқиқот зарурати фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар шароити низомҳои гуногуни иқтисодӣ, бахусус дар доираи иқтисоди бозорӣ, ба таври муфассал асоснок гардида, ҳамзамон саҳми назарраси онҳо дар таъмини бозорҳои озуқаворӣи кишвар муайян карда шуд ва зарурати дастгирии давлатии ин бахш ҳамчун масъалаи мубрам арзёбӣ гардид, инчунин исбот карда шуд, ки хадамоти мукаммали баҳисобгирии муҳосибӣ ҳамчун унсури калидии низоми идоракунӣ бароман намуда, мавҷудияти низоми махсуси ҳисобдорӣ барои чунин хоҷагиҳо ва истифодаи шаклу усулҳои мутобиқ ба шароити онҳо аҳамияти муҳим дорад, зимнан таъкид гардид, ки барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ҳамчун субъектҳои мустақили бахши аграрӣ муайян намудани асосҳои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ зарур мебошад;

– дар доираи таҳқиқот асосҳои консептуалии омодасозӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ таҳия ва мушаххас гардида, вобаста ба андоза ва хусусиятҳои фаъолияти хоҷагиҳо истифодаи методикаи мувофиқ арзёбӣ карда шуд, инчунин зарурати татбиқи муқаррароти алоҳидаи дастурамалҳои амалкунанда оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ муайян гардида, равишҳои методии ташкили корҳои ҳисобдорӣ бо назардошти наздиксозӣ ба стандартҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шуданд, дар баробари ин, аҳамияти ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи

молиявӣ, аз ҷумла СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ», дар самти гурӯҳбандӣ ва баҳодиҳии дороиҳои биологӣ тавсиф гардида, инчунин зарурати ташаккули низоми мукаммали назорати дохилӣ ва таҳияи барнома ва методикаи татбиқи он дар хоҷагиҳои деҳқонӣ исбот карда шуд;

– дар натиҷаи таҳлили ҳолати амалии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ)-и ватанӣ гуногуншаклии низоми мавҷуда ошкор гардида, ҳамзамон камбудиҳои ҷиддӣ, аз ҷумла фаъолияти ғайриқаноатбахши низоми ҳисобдорӣ дар қисми зиёди онҳо муайян карда шуд, дар ин замина таҷрибаи пешқадами хоҷагии деҳқонии (фермерӣ)-и «Масчоҳ» ҳамчун намуна барои дигар хоҷагиҳои водии Зарафшон тавсия гардида, мушкилоти асосии соҳа, аз қабили истифодаи нокифояи воситаҳои нигоҳдории маълумоти ҳисобдорӣ, номувофиқ будани шароити пешбурди ҳисобдорӣ ва сатҳи пасти истифодаи технологияҳои рақамӣ равшан гардонида шуданд;

– ҳамзамон дар таҳқиқот асоснок карда шудааст, ки такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ба дараҷаи коркард ва татбиқи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва сабтҳои ҳисобдорӣ вобастагии мустақим дошта, дар ин замина як қатор амсилаҳои муосири пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ таҳия ва пешниҳод гардиданд, аз ҷумла амсилаи умумии ташкили баҳисобгирӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ, амсилаи пешбурди он дар шароити рақамикунонӣ ва амсилаи таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки бар пояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст.

## Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври муназзам тарҳрезӣ гардида, он аз муқаддима, се боб, нӯҳ зербоб, хулосаҳои умумӣ, тавсияҳо ҷиҳати истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот вобаста ба мавзӯи диссертатсия ва замимаҳо иборат мебошад. Ҳамзамон, мазмуни диссертатсия дар 193 саҳифаи матни компютерӣ инъикос ёфта, бо 25 ҷадвал, 18 расм, 3 диаграмма ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки аз 123 номгӯй иборат аст, такмил дода шудааст.

## Асоснокӣ ва эътимоднокии таҳқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия

Муқаддимаи диссертатсия, ки дар он аҳаммият ва зарурати мавзӯи таҳқиқот ба таври асоснок нишон дода шудааст, ҳамзамон ҳадаф ва вазифаҳои асосӣ, объект ва предмети таҳқиқотро муайян намуда, тавсифи мухтасари заминаҳои назариявию методологии кор, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, муқаррароти асосии барои ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми

шахсии довталаб, натиҷаҳои апробатсия ва интишороти марбут ба мавзӯъ, инчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро фаро мегирад.

**Боби якуми диссертатсия, ки таҳти унвони «Ҷанбаҳои назариявии баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)»** пешниҳод гардидааст, ба баррасии нақш ва аҳаммияти хоҷагиҳои деҳқонӣ дар рушди иқтисоди миллӣ бахшида шуда, дар доираи он асосҳои назариявӣ ва меъёрии татбиқи шаклу усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар чунин хоҷагиҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳамзамон заминаҳои консептуалии таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар онҳо муайян ва асоснок карда шудаанд.

Муаллиф қайд менамояд, ки яке аз омилҳои калидии рушди устувори хоҷагиҳои деҳқонӣ баланд бардоштани мақом ва нуфузи онҳо ба ҳисоб рафта, маҳз ҳамин омил метавонад барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва коҳиш додани раванди муҳоҷирати аҳолӣ аз деҳот замина гузорад. Барои расидан ба чунин натиҷа зарур аст, ки диверсификатсияи иқтисоди деҳот ба таври самаранок роҳандозӣ гардида, шуғли аҳолӣ дар самтҳои гуногуни фаъолият таъмин карда шавад, инчунин ҳудудҳои деҳотӣ бояд аз нуқтаи назари ҳифзи иҷтимоӣ, имкониятҳои бо кор таъмин намудани аҳолӣ ва рушди муносибатҳои сармоягузорию тиҷоратӣ ба манфиати сокинон ташаккул дода шаванд. Ҳамзамон, яке аз мушкилоти ҷиддие, ки ба пешрафти хоҷагиҳои деҳқонӣ таъсири манфӣ мерасонад, болоравии арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда мебошад, зеро дар натиҷаи пайваста афзоиш ёфтани нархи захираҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла нуриҳои минералӣ, сӯзишворӣ, маводи молиданӣ, техника ва қисмҳои эҳтиётӣ, хароҷоти умумии истеҳсолот зиёд гардида, дар ниҳоят арзиши аслии маҳсулот боло меравад (саҳ.17).

Қайд мегардад, ки таҷрибаи амалии ватанӣ ва хусусиятҳои хоси рушди соҳибкорӣ дар бахши аграрии иқтисоди миллӣ, зарурати бознигарӣ ва такмили фаҳмиши моҳияти фаъолияти соҳибкорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба миён меояд. Дар ин замина, ба назари мо, мувофиқ аст, ки сифатҳои хоси фаъолияти соҳибкорӣ ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо карда шаванд, аз ҷумла: якум, сифатҳое, ки бо хусусиятҳои табиӣ ва қобилияти фитрии шахс вобаста мебошанд, ва дуюм, сифатҳое, ки дар раванди омӯзиш, таҷрибаомӯзӣ ва фаъолияти амалии шахс ташаккул меёбанд (саҳ.21).

Дар натиҷаи таҳлили мавқеъҳои назариявии мутахассисон ва омӯзиши таҷрибаи амалии соҳа чунин хулосабарорӣ шудааст, ки бо мурури замон ва рушди амалияи баҳисобгирии муҳосибӣ, нақш ва аҳаммияти усулҳои баҳисобгирӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба таври назаррас тағйир меёбанд. Ҳамзамон, тибқи андешаи як қатор иқтисоддонҳо, қисми муайяни ин усулҳо дигар ҷавобгӯи талаботи муосир набуда, қисми дигар бо гузашти вақт

ё қобилияти пурра иҷро намудани вазифаҳои худро аз даст медиҳанд ва ё ба тағйирёбӣ ниёз пайдо мекунанд (саҳ.36).

Ба ақидаи муаллиф, вариантҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд, инчунин тавсияҳои намунавӣ вобаста ба ташкили баҳисобгирии фаъолияти истеҳсолӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), нисбатан мураккаб мебошанд. Натиҷаҳои таҳқиқи таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳанд, ки татбиқи амалии чунин усулҳо дар аксари хоҷагиҳо, бахусус дар шароите ки муҳосибони соҳибтахассус фаъолият намекунанд, бо душвориҳо рӯ ба рӯ гардида, на ҳамеша имконпазир аст (саҳ.42).

Муҳаққиқ иброз медорад, ки хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ мебошанд, уҳдадоранд ҳисоботи молиявиро дар асоси маълумоти пурра ва муфассали баҳисобгирӣ бо риояи талаботи муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» ва инчунин фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №42 таҳия ва пешниҳод намоянд (саҳ.53).

Дар диссертатсия оварда шудааст, ки ҳоло шакли ягонаи ҳисобот, ки бо тарзи ведомости натиҷаҳои молиявӣ ё эъломия дар бораи даромадҳо дар хоҷагиҳои деҳқонӣ татбиқ мешавад, наметавонад ба таври кофӣ эҳтиёҷоти соҳибони хоҷагӣ ва истифодабарандагони дохилию берунӣро бо маълумоти зарурии молиявӣ қонеъ созад. Илова бар ин, иттилооти пешниҳодшуда дар ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ барои гузаронидани таҳлили амиқ ва саривақтии вазъи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ, инчунин муайян кардани қобилияти пардохтпазирӣ ва устувории молиявии онҳо, басанда намебошад (саҳ.58).

**Дар боби дуюми таҳқиқот ба «Ташкили баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)»** бахшида шуда, дар он методологияи баҳисобгирӣ ва низоми назорати дохилии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) муайян ва таҳлил гардида, хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии онҳо, ки бо стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ мутобиқат мекунанд, равшан карда шудаанд. Ҳамзамон, дар ин боб ҳолати муосири амалияи баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар чунин хоҷагиҳо мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Аз нигоҳи муаллифи диссертатсия асосҳои ташкили баҳисобгирӣ ва тартиботи пешбурди корҳои ҳисобдорӣ бо риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» амалӣ карда шуда, дар ин замина талаботи асосӣ ҷиҳати эътироф ва баҳодиҳӣ ҳангоми ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот дар бораи таркиби

воситаҳои асосӣ ва дигар дороиҳои ғайримоддӣ, ҳамчунин ифшои онҳо дар ҳисоботи молиявӣ муайян карда мешавад. Дар нақшаи ҳисобҳои тасдиқшуда ҳисобҳои мувофиқ барои бақайдгирӣ ва баҳисобгирии дороиҳо, уҳдадориҳо ва сармоя, ҳамчунин дигар амалиёти хоҷагидории корхонаҳо пешниҳод гардидаанд (саҳ.65-66).

Зикр мегардад, ки дар шароити аксарияти хоҷагиҳои деҳқонии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки низоми идоракунии онҳо нисбатан нокомил буда, имкони таъсиси шуъбаи низоми назорати дохилӣ вуҷуд надорад, зарур аст, ки ҳамкорӣ бо коршиносони соҳаи кишоварзӣ, бахусус муҳосибони соҳибтаҷриба, ба таври фаъол ва мунтазам ба роҳ монда шавад. Дар аксарияти чунин хоҷагиҳо, ки хизматрасонии баҳисобгирии муҳосибиро ба сатҳи зарурӣ таъмин намекунанд, ҳамкорӣ бо муҳосибони соҳа метавонад раванди ҷорӣ ва барқарорсозии баҳисобгирии муҳосибӣ, татбиқи низоми андоз ва идоракунии молиявиро мусоид гардонад (саҳ.73).

Ба андешаи муаллиф, тибқи талаботи СБҲМ (IAS) 41 «Кишоварзӣ», дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дороиҳои биологӣ ҳамзамон бо эътирофи аввалин ва дар ҳар санаи ҳисоботӣ бо арзиши одилона (бозорӣ) ва бо дарназардошти хароҷоти эҳтимолии фурӯш баҳодиҳӣ карда мешаванд. Илова бар ин, маҳсулоти истеҳсолшудаи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки аз истифодаи дороиҳои биологӣ ба даст меоянд, низ бо тарҳи хароҷоти фурӯш ба арзиши одилона баҳогузорӣ мегарданд (саҳ.82).

Ҳамчун хулоса қайд шудааст, ки рушди баҳисобгирии муҳосибӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба қабулу татбиқи стандартҳои байналмилалӣ сахт вобаста мебошад. Бо ин вуҷуд, бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи мушкилӣ ва душвор будани раванди ҷорӣ намудани эътирофи ҳисоботи молиявӣ дар сатҳи байналмилалӣ, меъёр ва қоидаҳои СБҲМ 41 «Кишоварзӣ» дар низоми баҳисобгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) на ҳамеша пуррагӣ татбиқ мегарданд. Аз ин лиҳоз, мутобиқсозӣ ва ҳамоҳангсозии ҳисоботи молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ бо талаботи СБҲМ 41 «Кишоварзӣ» аҳамияти махсус дорад (саҳ.84-85).

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки татбиқи СБҲМ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ иқдоми муҳим барои ҷалби истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла сармоягузорони бахши кишоварзӣ, ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, гузариши хоҷагиҳои деҳқонӣ аз низоми баҳисобгирии анъанавӣ ба стандартҳои СБҲМ сатҳи рақобатпазирии ин субъектҳои иқтисодиро баланд намуда, истифодабарандагонро бо иттилооти саҳеҳ ва боэътимод таъмин менамояд, сифати баҳисобгирии идоракунӣ беҳтар мегардад ва имконияти баҳодиҳии дақиқи ҳолати молиявии онҳо фароҳам оварда мешавад (саҳ.92).

Аз нигоҳи муаллиф, номукаммалии сабткунакҳои пешниҳодшудаи баҳисобгирӣ муҳосибони хоҷагиҳоро водор месозад, ки сабткунакҳои нав ихтироъ намоянд ё сабткунакҳои мавҷударо бо талаботи худ мутобиқ созанд. Масалан, тартиби баҳисобгирии қарзҳо ва ҳисоббаробаркуниҳое, ки аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидаанд, то андозае камбудӣ дорад (саҳ.97).

Тавсия дода шудааст, ки низоми интихобшудаи пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ бояд дар сиёсати умумии ҳисобдории субъект ҷой дода шавад, ки дар он принсипҳои асосӣ, усул ва техникаи баҳисобгирӣ низ ба таври мушаххас таҳия гардида бошанд. Зарурати объективии ташаккули чунин сиёсати ҳисобдорӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ҳамчунин дар дигар ташкилотҳои дорои шаклҳои ҳуқуқӣ дар иқтисодиёти бозаргонӣ бо мақсади таъсиси низоми самараноки идоракунии молиявӣ ва пешниҳоди маълумоти баҳисобгирӣ ба истифодабарандагони берунӣ ба таври оптималӣ муайян карда мешавад, ки барои баҳодиҳии холисонаи вазъи молиявӣ ва фаъолияти корхона зарур аст (саҳ.106).

**Боби сеюми диссертатсия «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)»** номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои танзими давлатии фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), омӯзиши шароит ва имкониятҳои такмили методикаи корҳои ҳисобдорӣ ва беҳтарсозии равандҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Муаллифи диссертатсия чунин мавқеи илмӣ дорад, ки танзими давлатӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар худ якҷоягии тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқиро таҷассум менамояд. Ҳадафи ниҳоии ин танзим аз он иборат аст, ки сатҳи рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар низоми истеҳсолкунандагони маводи озуқаворӣ баланд бардошта шавад, талаботи аҳолӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ қонеъ гардонида шавад ва дар натиҷа амнияти озуқавории кишвар ба таври устувор таъмин карда шавад (саҳ. 112).

Муҳаққиқ бар ин назар аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» дар таҳрири нав бояд қабул гардад. Дар ин замина, ба ақидаи муаллия, муқаррароти қонунгузорӣ бояд имкониятҳои хоҷагиҳои деҳқониро дар доштани шаклҳои гуногуни ташкилии ва ҳуқуқӣ муайян созанд. Ҳамзамон, қабули қарор дар бораи таъсис ва шаклгирии хоҷагии деҳқонӣ дар ҳар ҳолат бояд бо иштироки мустақими аъзоёни хоҷагӣ сурат гирад (саҳ.125).

Қайд мегардад, ки асоси ташкилии баҳисобгирӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба худидоракунии баҳисобгирӣ асос меёбад, ки дар он яке аз аъзои хоҷагӣ, одатан сардори он, масъулияти пешбурди баҳисобгирии идоракунӣ ва молиявиро бар уҳда мегирад. Бешубҳа, барои иҷрои ин вазифа ӯ бояд коргари соҳибтахассус ва бо таҷрибаи кофӣ бошад ва низоми баҳисобгирии хоҷагии худро амиқ дарк намояд. Дониши мукаммал дар техникаи пешбурди баҳисобгирӣ ба ӯ имкон медиҳад, ки равандҳои баҳисобгирии муҳосибиро дар хоҷагии деҳқонӣ ба таври оптималӣ ташкил намояд ва маълумоти ба дастовардашударо барои қабули қарорҳои стратегӣ ва ҳалли масъалаҳои идоракунии ҷорӣ бо маҳорати касбӣ истифода барад (саҳ.135).

Ҳамчун хулоса қайд шудааст, ки ислоҳоти низоми баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ дар самтҳои зерин бояд амалӣ гарданд: а) наздиксозии шаклҳои ҳисоботи муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба стандартҳои хоҷагиҳои деҳқонии хориҷӣ то ҳадди имкон; б) ихтисор ва оптимизатсияи миқдори гузоришҳои коғазӣ, ки дар баҳисобгирии амалиёти иқтисодӣ ва молиявӣ ба назар мерасанд, ва гузариши тадриҷӣ ба технологияҳои рақамӣ; в) ба роҳ мондани алоқа ва мубодилаи маълумот байни хоҷагиҳои деҳқонии ватанӣ тавассути шабакаи интернет; г) ташкили низоми баҳисобгирӣ дар асоси стандартҳои миллию байналмилалӣ (саҳ.144).

Тазаккур дода шудааст, ки дар соҳаи ҳисобдорӣ, мушкили асосӣ барои хоҷагии деҳқонӣ дар ҳолатҳое ба миён меояд, ки баҳисобгирии муҳосибии ҳар як объекти алоҳидаро ҷудогона пеш мебаранд. Ин вазъият махсусан дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки хоҷагӣ дар як вақт чанд намуди фаъолиятро амалӣ мекунад ва ҳар як намуди фаъолият тибқи низомҳои гуногуни андозбандӣ танзим мешавад (саҳ.143).

Муаллиф қайд менамояд, ки имрӯзҳо зарурати таъсиси низоми самараноки баландбардории сатҳи касбияти муҳосибони хоҷагиҳои деҳқонӣ аз нуқтаи назари устуворгардонии фаъолияти иқтисодии онҳо возеҳ ба назар мерасад. Ин низом бояд ихтисоси муҳосибони соҳаи кишоварзиро бо чунин тарз такмил диҳад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, сиёсати дарҳои боз ва рақамикунонии иқтисоди миллӣ ба таври муассир сатҳи рақобатпазирии хоҷагиҳои деҳқонӣ афзоиш ёбад ва қобилияти онҳо барои мутобиқшавӣ ба талаботҳои муосири бозор таъмин карда шавад (саҳ.164).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Моҳияти назариявии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки асосҳои назариявӣ заминаҳои таҳқиқотиро барои такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) фароҳам меоранд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мешавад, ки хулосаю пешниҳодот ва тавсияҳои амалии диссертатсия бо ҷорӣ кардани онҳо дар барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла барномаҳои такмили низоми ҳисобдории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), ба беҳтаргардонии сифати хизматрасонии ҳисобдорӣ мусоидат менамоянд. Амалӣ намудани муқаррарот ва тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллиф аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва худи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) имконият медиҳад, ки самаранокии ҷараёнҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар ин субъектҳои иқтисодӣ ба сатҳи баланд расонида шавад.

Моҳияти иҷтимоию иқтисодии таҳқиқот хеле васеъ ва бисёрҷанбаи мебошад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, баҳисобгирии дуруст ва саривақтии муҳосибӣ заминаи асосиро барои идоракунии самараноки хоҷагиҳои деҳқонӣ фароҳам меорад. Ин раванд имконият медиҳад, ки даромад, хароҷот, фоида ва захираҳои мавҷуда ба таври дақиқ муайян гарданд, ки ин худ ба қабули қарорҳои стратегӣ ва банақшагирии молиявӣ ва истеҳсолӣ мусоидат мекунад. Инчунин, баҳисобгирии муҳосибӣ ба беҳтар кардани шаффофият ва назорати молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мусоидат намуда, барои ҷалби сармоягузорон ва ташкилотҳои қарздиҳанда заминаи боэътимод фароҳам меорад. Аз нуқтаи назари иҷтимоӣ, такмили низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва беҳбуди зиндагии аҳолии деҳот таъсири мустақим дорад. Самаранокии молиявӣ ва иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ боиси эҷоди ҷойҳои нави корӣ, баланд шудани даромади аҳолӣ ва кам кардани муҳоҷират аз деҳот ба шаҳр мегардад. Иловатан, баҳисобгирии дақиқ ба тақсимоти одилона ва самараноки захираҳои хоҷагӣ ва пешгирии қаллобӣ ва истифодаи нодурусти захираҳои давлатӣ мусоидат менамояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ.** Муқаррарот ва хулосаву натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмӯаҳои илмӣ ва пажӯҳишҳои муаллиф инъикос ёфтааст, аз ҷумла 24 мақола, ки 8-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, пешниҳод гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии нашршудаи муаллиф дар мавзӯи диссертатсия 8,19 ҷузъи таълимӣ (ҷ.ч.)-ро ташкил медиҳад, ки ин худ шаҳодати саҳми назаррас ва навоварии илмии пажӯҳиш мебошад.

**Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ.** Саҳми бевоситаи муаллиф дар омӯзиш, таҳлил ва ҷамъбасти маълумот, ҳамчунин дар низомдорсозӣ ва такмил додани равишҳои назариявӣ ва методологии ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба таври возеҳ таҷассум меёбад; дар доираи таҳқиқот мавқеи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар рушди иқтисоди миллӣ муайян гардида,

шакл ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар онҳо асоснок карда шудаанд, хусусиятҳои баҳисобгирии муҳосибии хоҷагиҳои деҳқонӣ мушаххас карда шуда, ҳамзамон барои такмил ва рушди методикаи баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

Диссертатсияи тақризшаванда дар баробари афзалиятҳо, натиҷаҳои пурарзиши илмӣ, дорои норасиҳо низ мебошад. Ба ин камбудиҳо дохил мешаванд:

1.Эътимоднокии илмии таҳқиқот баланд мегардид, агар дар бандҳои навгонии диссертатсия маълумоти рақамӣ оварда мешуд.

2.Дар матни зербоби 1.2 оид ба шакл ва усулҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) асосҳои назариявӣ дар сатҳи қаноатбахш истифода нашудааст.

3.Ба манфиати таҳқиқот мебуд, агар дар зербоби 2.1. алоқамандии методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ ва низоми назорати дохилии хоҷагиҳои деҳқонӣ пурратар омӯхта мешуд.

4.Муаллиф дар рафти таҳқиқи ҳолати муосири баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи хоҷагиҳои деҳқонӣ на ҳамаи унсурҳои методологии низоми ҳисобдориро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

5.Қисми бештари матни зербоби 3.1 таҳқиқи танзими давлатии фаъолияти соҳибкории хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-ро дар асоси маводи назариявӣ фаро мегирад. Хуб мешуд, агар дар зербоби мазкур маводи меъёрӣ – ҳуқуқӣ ва ниҳодӣ мавриди истифода қарор дода мегирифт.

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва онҳо ҷиҳати такмили таҳқиқотҳои минбаъдаи муаллиф таҳия гардидаанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Умуман, таҳқиқоти диссертатсионии Бобомуродов Пайрав Хайриевич дар мавзуи «Такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18. - Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит пешниҳод шудааст, кори илмии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, дар он натиҷаҳои нави назариявӣ, методологӣ ва амалии аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба даст оварда шудаанд. Рисолаи илмии довталаби дараҷаи илмӣ ба меъёрҳои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, омода намудани диссертатсия ва санҷиши кори диссертатсионӣ дар Шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва тартиби бақайдгирии давлатии рисолаҳои дифоъшуда, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, мутобиқат

менамояд. Диссертатсия бо забони фаҳмо бо истилоҳоти қабулшуда навишта шудааст, ороиши диссертатсия тағйиротро талаб намекунад. Автореферат ва мақолаҳои илмии ба нашр расондаи муҳаққиқ мазмуни асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Бинобар ин, муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ - Бобомуродов Пайрав Хайриевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.18- Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
мудири кафедраи менеҷменти байналмилалии
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон Қодирова Г.Т.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қодирова Г.Т.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси АИДНПҶТ Насурдинзода А.Н

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, куч. Саид Носир, 33. АИДНПҶТ
Тел: (+992) 881-11-77-41, E-mail: gulmokodirova68@mail.ru